**ПРОТОКОЛИ № 37.2**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 19 июли соли 2025** **ш.Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, № 403/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, ки 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии

вилояти Суғд", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе;

- Ҷураев Ҷалолиддин Болтабоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 27 сентябри соли 2025, соати 9.00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 9 нафар; муқобил - нест; бетараф - нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

**Котиби илмии шуро,**
**н.и.и., дотсент** **Назаров Х.С.**